

# Тоҷикистон: интиқом алайҳи ақаллияти помирӣ, саркӯби ҳувияти маҳаллӣ, фишор болои ҳама гуна дигарандешӣ

AMNESTY INTERNATIONAL

**Авфи Байналмилал ҷунбиши 10 миллион нафарест, ки инсониятро дар ниҳоди ҳама сафарбар мекунад ва барои тағирот талош дорад, то ҳамаи мо аз ҳуқуқи худ баҳраманд бошем. Руъёи мо ҷаҳонест, ки дар он соҳибони қудрат ваъдаҳои худро иҷро намуда, ба ҳуқуқи байналмилалӣ эҳтиром мегузоранд ва масъсул ҳастанд. Мо аз ҳар ҳукумат, мафкураи сиёсӣ, манфиати иқтисодӣ ё мазҳабӣ мустақилем ва асосан аз тариқи узвият ва кумакҳои молии шахсӣ таъмин мевашем. Мо боварӣ дорем, ки ҳамбастагӣ ва раҳму шавқат ба одамон дар ҳама ҷой, метавонад ҷомеаҳои моро ба самти беҳтар тағйир диҳад.**

© Amnesty International 2024
Ба истисноi ҳолатҳое, ки ба таври дигар омадааст, мазмуни ин ҳуҷҷат дар асоси Creative Commons licence (атрибутсия, ғайритиҷоратӣ, ғайриистеҳсолӣ, байналмилалӣ 4.0) муҷаввaз шудааст.
https://creativecommons.org/licenses/by-nc-nd/4.0/legalcode
Барои иттилои бештар, лутфан ба саҳифаи иҷозатдиҳии сомонаи мо нигаред: www.amnesty.org
Агар мавод ба соҳиби ҳуқуқи муаллиф, ғайр аз Авфи Байналмилал тааллуқ дошта бошад, ин мавод таҳти иҷозатномаи Creative Commons қарор намегирад.
Бори аввал соли 2024 аз тарафи Amnesty International Ltd, Peter Benenson House, 1 Easton Street, London WC1X 0DW, UK нашр шудааст.
**Index: EUR 60/8413/2024**
**ЗАБОНИ АСЛӢ: АНГЛИСӢ**

**amnesty.org**

***Сурати муқова:*** *Микроавтобуси маҳаллӣ ("маршрутка") дар кӯчаи маркази вилоят — шаҳри Хоруғ © Хусусӣ*
*© Хусусӣ*

# ХУЛОСА

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)[1] минтақае дар кӯҳҳои дурдасти Помир дар шарқи Тоҷикистон аст, ки макони зиндагии гурӯҳҳои этникии махсус мебошад. Онҳо якҷоя ҷамоатҳои ақаллияти помириро ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби мақомоти марказӣ ҳамчун ақаллият расман эътироф намешаванд. Давлати Тоҷикистон мавҷудияти ақаллияти помириро расман рад мекунад. Аммо, бо вуҷуди он ки помириҳо ҳамчун тоҷикони этникӣ шинохта мешаванд, мақомоти марказии Тоҷикистон пайваста онҳор зери табъиз қарор дода, фарҳанги таассубро нисбат ба онҳо тарғиб мекунад ва дар солҳои охир талошҳои худро барои саркӯби истифодаи забонҳои помирӣ, анъанаҳои фарҳангии помирӣ ва ифодаи ҳувияти помирӣ афзоиш доданд.

**Давраи пас аз ҷанги шаҳрвандии даҳаи 1990 ва нуқтаҳои ташаннуҷи солҳои 2021-2022**

Баъд аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990-ум, ҳукумати марказӣ дар Душанбе ВМКБ-ро ҳамчун такягоҳи эҳтимолии мухолифони сиёсӣ медонист ва саъй мекард, ки назорати пурраи сиёсиву иқтисодии минтақаро барқарор намуда, мухторияти воқеии онро маҳдуд созад. Ҳузури сохторҳои гуногуни амниятӣ дар ВМКБ афзоиш ёфтааст. Шумораи намояндагони помирӣ дар ин ниҳодҳо коҳиш ёфта, ва онҳое, ки боқӣ мондаанд, дар мақомҳои тобеъ нигоҳ дошта шудаанд.

Чунин сиёсат ва амалияҳо боиси афзоиши ташаннуҷ ва эътирозҳои такрорӣ шуданд, ки бераҳмона саркӯб гардиданд. Нуқтаи авҷи ноором̣ӣ дар моҳи ноябри соли 2021 пас аз куштори ғайриқонунии фаъол Гулбиддин Зиёбеков аз ҷониби нерӯҳои амниятӣ ба амал омад. Куштори ӯ боиси эътирози осоиштаи чоррӯза дар шаҳри Хоруғ, пойтахти маҳаллӣ, шуд, ки дар он мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боз ҳам аз қувваи ғайриқонунӣ истифода бурда, ду эътирозгарро кушта,17 нафарро маҷрӯҳ карданд. Пас аз ин, теъдоди зиёди иштирокчиёни эътирозро низ боздошт шуданд. Авҷи дуюм дар моҳи майи соли 2022 рух дод, вақте ки мақомот бо зӯроварӣ як роҳпаймоии осоиштаи эътирозиро дар Хоруғ ва, ба гуфтаи шоҳидон, гирдиҳамоии осоиштаи эътирозиро дар ноҳияи Рӯшон пароканда карданд. Дар натиҷаи ин ҳодисаҳо, дар моҳҳои май ва июни соли 2022 даҳҳо нафар помириҳо кушта шуданд, ки боиси даъвоҳои боэътимод дар бораи куштори ғайриқонунии баъзе шахсиятҳои бонуфузи помирӣ гардиданд, аз ҷумла бо тарзҳое, ки ба эъдомҳои ғайрисудии нерӯҳои амниятӣ баробар буданд. Бо қатъ шудани алоқаи мобилӣ, саркӯби иттилооти мустақил аз ВМКБ, маҳдуд шудани дастрасӣ ба минтақа ва таъқиби ҳомиёни ҳуқуқ, рӯзноманигорон ва шоҳидон, ҷаҳон наметавонист маълумоти кофиро дар бораи ин рӯйдодҳо ба даст орад.

**Пахши дигарандешӣ ва саркӯби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ВМКБ**

Мақомоти Тоҷикистон ба саркӯби ҳама гуна дигарандешӣ даст заданд. Онҳо ба ҷомеаи шаҳрвандии ВМКБ фишор оварда, беш аз 200 ҳомии ҳуқуқи башар, дигарандешон ва шахсиятҳои бонуфузи ҷамоаҳои помириро худсарона боздошт карданд. Ҳамзамон, помириҳо дар Федератсияи Русия низ мавриди таъқиб қарор гирифтанд. Тибқи гузоришҳо, бархе аз онҳо аз ҷониби маъмурони амниятии Тоҷикистон рабуда шуда, ё аз ҷониби мақомоти Русия иҷборан ба Тоҷикистон баргардонида шуда ва ҳангоми бозгашт ба боздошт дучор шудаанд.

Барои сафед кардани ин таъқибот, мақомоти Тоҷикистон фаъолон ва эътирозгарони помириро дар расонаҳо ва иртиботи худ бо механизмҳои байналмилалии мониторинги ҳуқуқи инсон худсарона ҳамчун ҷинояткор муаррифӣ мекунанд. Саркӯби эътирозгарон дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ дар моҳи майи соли 2022 расман ҳамчун “амалиёти зиддитеррористӣ” муаррифӣ гардид, аммо далелҳои пешниҳодшуда барои тасдиқи ин мавқеъ боварибахш набуданд.

Фаъолони маҳаллӣ кӯшиш карданд, ки аз авҷгирии минбаъдаи низоъ пешгирӣ кунанд, аз ҷумла тавассути ҳамкорӣ бо мақомот барои таъмини тафтиши самараноки кушторҳои эҳтимолии ғайриқонунӣ, ки эътирозҳоро барангехтанд (таҳти ташаббуси маъруф ба “Комиссияи 44”). Бо вуҷуди ин, бисёре аз онҳо худашон баъдан худсарона боздошт ва таҳти таъқиб қарор гирифтанд ва бо иттиҳомоти беасоси марбут ба терроризм ва дигар ҷиноятҳо зиндонӣ шуданд.

Илова бар таъқиби роҳбарияти ғайрирасмӣ дар ҳама сатҳҳо ва шахсоне, ки дар байни гурӯҳҳои худ нуфуз доштанд ва қодиранд барои амалиёти дастаҷамъӣ сафарбар шаванд, нерӯҳои амниятӣ ҳамчунин ба помириҳои оддӣ низ фишор оварда,

[1] Номи расмии ин минтақа аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад, ки дар шакли ихтисор ВМКБ низ номда мешавад. Муаллифон дар матни англисӣ истилоҳи байналмилалии маъмул Gorno-Badakhshan Autonomous Oblast-ро истифода кардаанд, ки дар замони Шӯравии собиқ маъмул буд. Ин ном то ҳол дар бисёре аз ҳуҷҷатҳо ва изҳорот ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам байналмилалӣ барои ишора ба ин минтақа истифода мешавад.

онҳоро ҳадаф қарор медоданд. Ҷавонон, хусусан, аксар вақт худсарона боздошт, бозпурсӣ, шиканҷа ва мавриди таҳқир қарор мегирифтанд, аз ҷумла барои иштироки осоишта дар эътирозҳо ё барои истифодаи ҳуқуқи худ ба озодии баён ва ҷамъомадҳои осоишта. Онҳо маъмулан ба “ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ,” “ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат” ва “ҷиноятҳои зидди тартиботи маъмурӣ” (зӯроварӣ ё таҳқири шахсони мансабдори давлатӣ) муттаҳам мешуданд. Аксари мурофиаҳо пушти дарҳои баста сурат гирифта, ҷараёни мурофиаҳо ва ҳукмҳо расман нашр нашудаанд. Бисёре аз мурофиаҳо бо шитобкорӣ гузаронда шуда, танҳо чанд рӯз давом мекарданд. Дар ҳамин ҳол, вакилони мудофеъ низ таҳти фишору таъқиб қарор гирифта, таҳти таҳдиди таъқиб аз ифшои ҷузъиёти мурофиаҳо дар ҷомеа манъ карда мешуданд.

Пас аз саркӯбии моҳи майи соли 2022, нерӯҳои амниятӣ хешовандон, ҳамсояҳо, дӯстон ва ҳатто шиносони раҳбарони ғайрирасмии ҷомеаро ба таври худсарона барои бозпурсӣ даъват карда, аксар вақт онҳоро бидуни ягон далели қонуншиканӣ ё ҳатто иштироки инфиродии онҳо дар ягон фаъолияти сиёсӣ боздошт мекарданд.

**Шиканҷа ва дигар бадрафторӣ**

Дар боздоштгоҳҳои пулис ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шиканҷа ва дигар бадрафторӣ як амри маъмул аст. Ин методҳо ҳамчун васила барои таъмини таслимшавӣ ба ҳар талабот, истихроҷи маълумот, маҷбур кардани шахсони боздоштшуда ба имзои "эътирофномаҳо" ё баён кардани изҳороти ҷинояткорона дар назди мардум истифода мешаванд. Воситаҳои гузоришшудаи шиканҷа аз истифодаи болға барои кӯфтани ангуштҳо, ҷойгир кардани сӯзанҳо зери нохунҳо, зарбаи электрикӣ, маҳрумият аз хоб ва дигар усулҳо фарқ мекунанд.

Ҳамсуҳбатони помирӣ пайваста хабар медоданд, ки афсарони бозпурсӣ аз қавми тоҷик ва аз минтақаҳои дигари кишвар буданд. Дар байни чунин афсарон истифодаи таҳқиру тавҳинҳои лафзӣ маъмул буд ва ин таҳқирҳо одатан дорои мазмуни ҷинсӣ, қавмӣ ва мазҳабӣ буданд.

Гуфта мешавад, ки шароит дар муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон сахт буда, зиндонҳо аз ҳад зиёд пур шудаанд. Гузоришҳои пайваста нишон медиҳанд, ки ғизои аз ҷониби маъмурияти маҳбас ба маҳбусон пешниҳодшуда нокифоя ва бесифат аст. Маҳбусон барои ғизо ва доруворӣ аз оилаҳо ва шабакаҳои васеътари иҷтимоии худ вобаст ҳастанд. Аммо шикоятҳои мустақим дар бораи шароити боздошт, шиканҷа ва дигар бадрафторӣ кам аст, зеро наҷотёфтагон на танҳо ба низом эътимод надоранд, балки хатари интиқоми шадидро дарк мекунанд.

Пас аз саркӯбии хушунатомези моҳи майи соли 2022, бисёре аз занони помирӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз манотиқи дигари Тоҷикистон ба ВМКБ фиристода шудаанд, мавриди хушунат ва таъқиби гендерӣ қарор гирифтанд.

**Тарс аз таъқиб**

Тарс аз таъқиби бераҳмона як ҷузъи зиндагии ҳаррӯзаи бисёре аз помириҳо дар дохили ВМКБ, дар саросари Тоҷикистон ва ҳатто дар хориҷи кишвар аст. Масалан, мақомот пайваста ва бе табъиз сокинони ВМКБ-ро маҷбур ва шантаж мекунанд, ки барои бадном ва таҳқир кардани аъзои маъруфи ҷомеа ва маҳкум кардани фаъолияти эътирозӣ изҳорот диҳанд. Ин изҳорот тавассути телевизиони маҳаллӣ пахш мешуданд. Қурбониёни ин амал маъмулан аъзои ҷомеаи помирӣ буданд, ки мақомот бар онҳо фишангҳо доштанд, мисли кормандони муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, кормандони ширкатҳое, ки аз маблағгузории давлатӣ вобаста буданд ё иҷозатномаҳои давлатӣ доштанд ва довталабони хадамоти давлатӣ.

Ранҷи ахлоқӣ идома ёфта, қурбониёнро аз ҷониби оилаҳои худ ва ҷомеаи васеътар ба радди иҷтимоӣ дучор мекунанд. Дар хориҷ аз Тоҷикистон, собиқаҳои бозгашти иҷборӣ, истирдод ва рабудашавӣ, махсусан аз Русия, боиси нигаронии помириҳо дар Русия гардид ва онҳоро водор сохт, ки ба кишварҳои сеюм муҳоҷират кунанд.

Нерӯҳои амниятӣ пайваста ба хешовандон ва шиносони муҳоҷирон дар Тоҷикистон фишор меоранд, то онҳоро маҷбур созанд, ки ба Тоҷикистон баргарданд. Ин фишорҳо таҳдидҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, боздид аз манзил, даъват ба бозпурсӣ ё боздоштро дар бар мегиранд.

**Ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ**

Таъсири ҷамъбастӣ ва дарозмуддати ин ва дигар тадбирҳо ва амалияҳо ба нақзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд, зеро онҳо ба камбизоатшавии ақаллияти помирӣ дар Тоҷикистон ва коҳиши иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо сабаб мегарданд. Азбаски ВМКБ фақиртарин минтақаи Тоҷикистон аст, давлат дар таъмини шуғл ва даромади маҳаллӣ нақши калидӣ мебозад, ки ин ба мақомоти Тоҷикистон фишангҳои иловагии назаррас нисбат ба аҳолии маҳаллӣ медиҳад. Мақомоти марказӣ ҳамчунин ҳарчи бештар сокинони маҳаллӣ, яъне помириҳоро бо ғайри помириҳо дар мансабҳои баланд дар маъмурияти шаҳрвандӣ иваз мекунад.

Бахши ғайридавлатии иқтисодиёти маҳаллӣ дар рушди иқтисодиёти ВМКБ нақши муҳиме бозида, он ниҳодҳои вобаста ба ҷомеаи ҷаҳонии исмоилӣ, бахусус Шабакаи Рушди Оғохон (AKDN), ва инчунин ташкилотҳои ғайридавлатие, ки бо грантҳои донорҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд, дар бар мегирад. Солҳо боз, ниҳодҳои марбут ба AKDN дар расонаҳои ҳукуматӣ ва расонаҳои тарафдори ҳукумати Тоҷикистон ба таври манфӣ тасвир мешуданд, аммо то соли 2022 кушода ва фаъолияти

худро идома медоданд. Пас аз саркӯбии моҳи майи 2022, ниҳодҳои вобаста ба AKDN баста шуданд ва мақомот фазои фаъолияти созмонҳои ғайридавлатиро бо аудиту баррасиҳои беасос ва аз ҳад зиёд маҳдуд карданд. То баҳори соли 2023, аксари онҳо таҳти фишори хадамоти амниятӣ баста шуданд, худ барҳам дода шуданд ё фаъолияти худро боздоштанд.

Нерӯҳои амниятӣ низ аз саркӯбии солҳои 2021-2022 дар ВМКБ истифода бурда, захираҳои моддиро ғайриқонунӣ истихроҷ намуданд ва сарватро аз ҳисоби помириҳо бозтақсим карданд. Таъқиби соҳибкорони хурди помирӣ аз ҷониби мақомот ва рафторҳои таҳқиромези нерӯҳои амниятӣ пас аз саркӯбии моҳи майи 2022 даромаднокии соҳибкоронро коҳиш дод. Ин тавассути санҷишҳои худсарона ва аз ҳад зиёди мақомоти андоз ё тамаъҷӯӣ аз ҷониби кормандони амният амалӣ шуд. Мардуми маҳаллӣ дар минтақа на танҳо бо хатари номутаносиби боздошт, балки бо пардохти ҷарима ва пора низ рӯбарӯ ҳастанд. Саркӯби доимӣ ва таъқиб, инчунин маҳдуд шудани дастрасии аҳолии маҳаллӣ ба захираҳо дар ВМКБ ва афзоиши ноамнӣ дар бораи оянда боиси муҳоҷирати шахсони алоҳида ва тамоми оилаҳо ба хориҷи кишвар ё муҳоҷирати дохилӣ ба пойтахти Душанбе ва дигар қисматҳои Тоҷикистон шудааст. Ҳамзамон, ҳабс ва муҳоҷирати маҷбурии қисми зиёди аҳолии мард қувваи кории мавҷудро дар минтақа ба таври ҷиддӣ коҳиш дода, ки ин боиси коҳиши даромади оилаҳо шудааст. Оилаҳои помирӣ бо афзоиши бори иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванд, алахусус онҳое, ки хешовандонашон дар ҳабс ҳастанд, зеро онҳо аксар вақт маҷбуранд онҳоро бо чизҳои зарурӣ таъмин кунанд ва дар бисёр ҳолатҳо ришва диҳанд.

Ҳукумати Тоҷикистон бояд фавран ба таъқибот алайҳи намояндагони ақаллияти помирӣ ва ҳар гуна садои мухолиф хотима бахшад ва ҳуқуқҳои озодии баён, иттиҳодия ва ҷамъомадҳои осоишта, инчунин дигар ҳуқуқҳои инсонро барои ҳама эҳтиром кунад. Ҳама иддаоҳо дар бораи қатлҳои ғайриқонунӣ, куштορҳои ғайриқонунӣ, шиканҷа ва дигар бадрафторӣ, ва дигар гузоришҳо дар бораи нақзи ҳуқуқи инсон бояд фавран, самаранок ва беғаразона таҳқиқ карда шаванд. Ҳар касе, ки асосан дар содир кардани чунин нақзи ҳуқуқи инсон гумонбар ё шарик аст, аз ҷумла афсарони фармондеҳӣ ва мансабдорони давлатӣ, ки бо фармон ё бо розигии онҳо ин қонуншиканиҳо содир шудаанд, бояд ошкор ва дар ҷараёни мурофиаи одилона ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Зӯроварӣ ва табъиз дар асоси гендерӣ бояд фавран бартараф карда шаванд ва ба наҷотёфтагони зӯроварӣ ҳимоя ва ҳалли муассир таъмин карда шаванд. Ба ҳамаи қурбониёни нақзи ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва дар саросари Тоҷикистон бояд ҷуброни пурра ва мувофиқи зарари расонидашуда пешниҳод шавад, ки чораҳои баргардонидан, ҷуброн, барқарорсозӣ, қонеъгардонӣ ва кафолати такрор нашудани он дар бар гиранд.

Ҳукумати Тоҷикистон бояд бо иштироки самаранок ва воқеии ҷомеаҳои ақаллияти помирӣ ҳамаи қонунҳо, сиёсатҳо ва амалияҳоро, ки мумкин аст табъизомез бошанд, баррасӣ намояд ва тамоми чораҳои заруририро андешад, то онҳо пурра ба ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонии Тоҷикистон мувофиқат кунанд. Ин бояд аз ҷумла тавассути бекор кардан ё ислоҳ намудани қонунҳо ва сиёсатҳои дахлдор, қатъ кардани амалияҳои марбут ва назорат кардани амалҳои мансабдорони давлатӣ анҷом дода шавад. Аъзои ҷамоатҳои помирӣ бояд тавонанд аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ ба таври комил баҳраманд шаванд.

# ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Тайи чанд соли охир, мақомоти Тоҷикистон ҳуқуқҳои помириҳоро, ҳарчи бештар поймол карда, ки онҳоро ҳамчун ақаллият эътироф намекунад.  Баръакс, мақомоти Тоҷикистон саъй доранд ҳуввияти этникӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии онҳоро аз байн баранд. Дар ВМКБ шумораи нерӯҳои амниятӣ аз минтақаҳои дигари кишвар афзоиш ёфта, тазоҳуроти осоишта ва ё комилан осоишта бар зидди сиёсатҳо ва қарорҳои мақомоти марказӣ бо истифода аз нерӯи ғайриқонунӣ пароканда карда мешаванд, ва ҳар гуна изҳори норозигӣ бераҳмона саркӯб мегардад. Роҳбарон ва таъсиргузорони ғайрирасмии помирӣ хомӯш ё бартараф карда шудаанд ва шумораи зиёди дигар таҳти назорат, таъқиби беасос ва зиндон қарор гирифта, маҷбур шудаанд, ки бар зидди ҷомеаи худ сухан гӯянд. Иқтисоди маҳаллӣ ва некӯаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум, аз ҷумла бо сабаби ҳошиянишинии иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, зарар дидааст ва истифодаи забонҳои помирӣ ва ифодаи ҳуввият ва фарҳанги помирӣ, инчунин расму оинҳои анъанавии динӣ саркӯб шудаанд.

Поймолкунии густурдаи ҳуқуқи инсон мустанад шудааст, ки ҳам қонунҳои дохилӣ ва ҳам ӯҳдадориҳои байналмилалиро нақз карда, дар шароити беҷазоӣ барои чунин нақзҳо сурат гирифтааст. Низоми ҳамаҷонибаи назорати электронӣ ва шахсӣ сохта шудааст, ки ҳадафи он назорат ва тарсонидани аҳолии помирӣ ва маҳдуд кардани қобилияти созмонҳо ва ниҳодҳои мустақили ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҳуқҷатгузорӣ кардани қонуншиканиҳо мебошад. Яке аз таъсири ин саркӯбҳо фақир шудани ақаллияти помирӣ ва коҳиши иқтидори иҷтимоию иқтисодии он мебошад. Нозирони мустақили ҳуқуқи инсон, аз ҷумла гузоришгарони мухталифи Созмони Милал, Дидбони Ҳуқуқи Башар (HRW), Авфи Байналмилал ва дигарон, нигарониҳои худро баён кардаанд, ки бе ягон посухи мӯътаманд аз ҷониби мақомоти Тоҷикистон боқӣ мондаанд.

## 1.1 ТАВСИЯҲО

**Авфи Байналмилал аз мақомоти Тоҷикистон талаб мекунад, ки тадбирҳои зеринро амалӣ намоянд:**

- Ба ҳама гуна таъқиб ва амалиёти интиқомҷӯёна алайҳи аъзоёни ақаллияти помирӣ ва ҳар гуна назарҳои дигарандеш фавран хотима дода, ҳуқуқ ба озодии баён, иттиҳодияҳову ҷамъомадҳои осоишта ва дигар ҳуқуқҳои инсонро барои ҳама эҳтиром намоянд. Инчунин, аз маҳдуд кардани ин ҳуқуқҳо ба таври нолозим ва номутаносиб, аз ҷумла ҳангоми ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти миллӣ, худдорӣ карда шавад;
- Фавран ба манъ ва пароканда кардани ҷамъомадҳои осоишта хотима дода шавад;
- Ба истифодаи зӯроварии ғайриқонунӣ ва худсарона аз ҷониби пулис ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла истифодаи он нисбат ба иштирокчиёни эътирозҳо, шахсони гумонбар ба ҷиноят, шикояткунандагон ва шоҳидони нақзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигарон, хотима дода шавад;
- Ба истифодаи зӯроварии ғайриқонунӣ нисбат ба ҳама шахсони дар боздошт қарордошта хотима дода шавад;
- Аъзои зиндоншудаи Комиссияи 44-ро фавран озод намуда, маҳкумиятҳои марбут ба иттиҳоми терроризм ва дигар иттиҳомоти сохташуда нисбати онҳо сафед карда шавад;
- Ҳамаи шахсони дигареро, ки танҳо барои татбиқи ҳуқуқҳои инсонӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳои осоишта, иттиҳодия ва баён боздошт шудаанд, аз ҷумла ҳомиёни ҳуқуқи башари помирӣ, дигар фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯзноманигорон, пешвоёни ғайрирасмии ҷомеа ва дигарон, фавран ва бидуни шарту шароит озод карда шавад. Ҳамчунин, ҳамаи помириҳои дигаре, ки худсарона боздошт, ҳабс ва/ё зиндонӣ шудаанд, мисли хешовандон ва наздикони пешвоёни ҷомеаи ғайрирасмӣ, шикояткунандагон ва шоҳидони нақзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигарон озод карда шаванд;

- Фавран чораҳо барои хотима додан ба истифодаи шиканҷа, дигар бадрафторӣ ва нақзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла хушунати ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва дигар намудҳои зӯроварӣ, боздоштҳои худсарона ва таъқиби беасос, ва боздоштани шахсон дар шароите, ки ба муомилаи бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиромез баробар аст, андешида шаванд;

ва аз ҷумла:

- Ҳамаи шикоятҳоро дар бораи қатлҳои ғайрисудӣ, кушторҳои ғайриқонунӣ, шиканҷа ва дигар бадрафторӣ, инчунин гузоришҳои дигари нақзи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла сохтакории иттиҳомоти ҷиноӣ, саривақт, муассир ва беғаразона тафтиш карда шавад. Ҳадаф аз ин тафтишот муайян кардани шахсони гумонбар ва ба ҷавобгарӣ кашиданашон дар мурофиаҳои одилона мебошад. Ин афрод метавонанд афсарони фармондеҳ ва мансабдорони давлатӣ бошанд, ки бо фармон ё бо ризоияти онҳо ин қонуншиканиҳо содир шудаанд;
- Ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, новобаста аз рутбааш, ки дар содир кардани қатли ғайрисудӣ, куштори ғайриқонунӣ, шиканҷа ва дигар бадрафторӣ ё дигар нақзи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла сохтакории иттиҳомоти ҷиноӣ гумонбар мешавад, фавран аз иҷрои вазифааш боздошта шавад, то анҷоми тафтиши беғаразона ва мустақили иддаои дахлдор ва таъқиб дар мурофиаи одилона таъмин гардад;
- Ба таври мунтазам омори пурра ва муфассал, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам маҳаллӣ, дар бораи қонуншиканиҳои гузоришшуда ва натиҷаҳои тафтишот ва таъқиби дахлдор нашр карда шаванд;
- Ба ҳуқуқи мурофиаи одилона пурра эҳтиром гузошта шуда, он ҳифз карда шавад, аз ҷумла бо таъмини ҳимояи самараноки шахсони боздоштшуда аз шиканҷа ва дигар бадрафторӣ. Дастрасии фаврӣ ва бемонеа ба адвокати интихобкардаи худ таъмин карда шавад, ва инчунин имконияти истифодаи воситаҳои самараноки ҳуқуқӣ, аз ҷумла баҳс кардани қонунияти боздошт ва мурофиаи ҷиноӣ ё маъмурӣ алайҳи онҳо, ё баҳс кардани эътимоднокӣ ва қонунмандии далелҳои зидди айбдоршаванда дар назди як низоми додгоҳии воқеан мустақил ва салоҳиятдор фароҳам оварда шавад;
- Дастрасии мустақим, самаранок ва бидуни монеа ба экспертизаи тиббии судӣ барои ҳамаи қурбониёни эҳтимолии шиканҷа ва дигар бадрафторӣ таъмин карда шавад ва муоинаи тиббии судӣ пурра ва мутобиқи Протоколи Истанбул (Дастурамали тафтиш ва ҳуҷҷатгузории самараноки шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиромез) гузаронида шавад;
- Ба амалияи таҳдид ва таъқиби ҷабрдидагон, шикояткунандагон ва шоҳидони нақзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар шахсони мансабдор фавран хотима дода шавад, ва амнияти шикояткунандагон ва ҷабрдидагон, аз ҷумла тавассути чораҳои самараноки ҳифзи шоҳидон, кафолат ва таъмини амнияти онҳо таъмин карда шавад;
- Ба ҳуқуқҳои инсон ва вакилони дифоъ пурра эҳтиром гузошта шуда, ҳифз карда шавад, ва ҳимояҳое, ки дар қонунҳо ва стандартҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла Принсипҳои Асосии СММ оид ба Нақши Вакилони Дифоъ, дар қонунгузорӣ, сиёсат ва амалия татбиқ карда шаванд. Таъмин карда шавад, ки вакилон дар ВМКБ ва дар саросари Тоҷикистон ба таври кофӣ ҳифз гардида, вазифаҳои касбии худро бидуни тарсондан, монеагузорӣ, озор, интиқом ва ё дахолати нодуруст иҷро намоянд.
- То замоне ки қарори расмӣ қабул нашудааст ё шахсон дар мурофиаи судӣ, ки пурра ба стандартҳои байналмилалии мурофиаи одилона мувофиқат мекунад, гунаҳгор дониста нашудаанд, ба амалияи худсарона ҳамчун “ифротгаро” ё “террорист” эълон кардани созмонҳо ва гурӯҳҳо ва тасвири худсаронаи шахсон дар хабарҳои расмӣ, расонаҳо ва дигар иртиботҳо ҳамчун “ифротгаро” ё “террорист” ё баён ва ишора кардани он ки онҳо ҷиноят содир кардаанд, хотима дода шавад.
- Таъмини зиндагии бидуни зӯроварӣ ва озори гендерӣ барои занон ва духтарон, бахусус:
- Барои ҳифзи занон аз табъиз ва хушунат тадбирҳо андешида шавад, ҳамаи иттиҳомоти дахлдор самаранок таҳқиқ карда шаванд ва таъмини он, ки ҳама гунаҳкорони хушунат алайҳи занон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд;
- Муҳити дастгирии занон ва мубориза бо хушунат, бо таъсиси сохторҳо ва равандҳои ҷомеавӣ барои ҳифзи занон, расонидани ёрии муассир ба наҷотёфтагони хушунат ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи хушунат нисбати занон, фароҳам карда шавад;
- Ба ҳамаи қурбониёни нақзи ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва дар саросари Тоҷикистон ҷуброни пурра ва кофӣ барои зарари расонидашуда, аз ҷумла тадбирҳои барқарорсозӣ, ҷубронпулӣ, офиятбахшӣ, қонеъгардонӣ ва кафолати такрор нашудан пешниҳод карда шавад;
- Қонунгузории марбут ба ҷиноятҳои терроризм ва дигар муқаррароти тартиботи ҷамъиятӣ, ки возеҳияти ҳуқуқӣ надоранд, метавонанд мавриди сӯиистифода қарор гиранд ва/ё барои ҷиноятӣ кардани эътирози осоишта истифода мешаванд, бекор ё ислоҳ карда шавад; ҳар як қонуни дигар бояд ба ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар доираи қонунҳои ҳуқуқи инсон пурра мутобиқ карда шавад;

- Тафтиши муассир, мустақил ва беғаразонаи табъизи нажодии систематикӣ алайҳи помириҳо, бахусус дар низоми адолати ҷиноӣ, таъмин карда шавад;
- Тадбирҳои муассир барои татбиқи ислоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бо мақсади ҳифз, пешбурд ва таъмини пурраи озодии дин ё эътиқод бе табъиз амалӣ карда шаванд;
- Дастрасӣ ба роҳҳои ҳалли самаранок, шаффоф ва дастрас барои ҳамаи қурбониёни ҳама гуна табъиз ва дигар нақзи ҳуқуқи инсон таъмин карда шавад;
- Дар якҷоягӣ бо ҳамаи шахсоне, ки ҳуқуқҳои онҳо зери таъсир қарор мегиранд, махсусан бо иштироки самаранок ва воқеии ҷамоатҳои помирӣ, ҳамаи қонунҳо, сиёсатҳо ва амалияҳое, ки метавонанд табъизомез бошанд, аз нав дида баромада шаванд. Ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида шаванд, то ки ин қонунҳо ва амалияҳо пурра ба ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқ бошанд. аАз ҷумла бо бекор кардан ё ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ ва сиёсатҳои дахлдор, қатъ кардани амалияҳои дахлдор ва назорати амалҳои шахсони мансабдори давлатӣ.
- Ба аъзои ҷамоатҳои помирӣ имконият дода шавад, ки аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ ба таври комил баҳраманд шаванд. Чораҳои зарурӣ барои бартараф кардани мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо ҷудо кардани захираҳои кофӣ, аз ҷумла тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ, андешида шаванд.
- Бо ҷамоатҳои помирӣ ҳамкорӣ карда шавад, то барномаҳои ҳамаҷониба барои аз байн бурдани табъиз дар низоми адолати ҷиноӣ ва муқобила бо тарғиби табъиз ва нафрат дар фазои онлайн ва офлайн таҳия карда шаванд.
- Ҳамкорӣ бо шарикон ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо расмиёти махсуси Шӯрои Ҳуқуқи Башари СММ, бояд пурра ва самаранок бошад. Барои ин, даъватнома фиристода шавад ва дастрасии бемамониат ва фаврии онҳо ба кишвар, аз ҷумла ба ВМКБ, таъмин гардад. Дар сурати дархост, ба онҳо имкон фароҳам оварда шавад, ки мустақиман ва ба таври муассир ба муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар ҷойҳо, ки шахсон аз озодӣ маҳрум шудаанд, аз ҷумла ба биноҳои пулис ва маҳбусон, дастрасӣ пайдо кунанд. Ҳамчунин, бояд тамоми маълумот, ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва имкони мулоқот бо қурбониёни нақзи ҳуқуқи инсон, аъзои оилаҳои онҳо, вакилон ва ҳомиёни ҳуқуқи инсон таъмин карда шавад.
- Ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, муҳаққиқони академикӣ ва дигар коршиносони мустақил дастрасии комил ва бемамониат ба ВМКБ барои арзёбӣ ва гузориши вазъи ҳуқуқи инсон дода шавад.

**Авфи Байналмилал аз созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, механизмҳои ҳуқуқи инсон ва ҳукуматҳои инфиродӣ даъват мекунад:**

- Аз тамоми нуфузи муносиб истифода бурда шавад, то ки нақзи ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва саросари Тоҷикистон дар форумҳои байналмилалӣ ва механизмҳои дахлдор таҳқиқ ва чораҷӯӣ карда шавад. Дар ҳар фурсат нигарониҳо дар бораи поймолшавии густурдаи ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва саросари Тоҷикистон ба таври фаъолона ба миён гузошта шуда, ҳама гуна кӯшишҳои дуҷониба ва бисёрҷониба барои муқовимат бо ин қонуншиканиҳо, боздоштани онҳо ва таъмини ҳимояи ҳуқуқии ҷабрдидагон ташвиқ ва дастгирӣ карда шаванд;
- Дар мониторинг, ҳуҷҷатгузорӣ ва гузориши нақзи ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва дар саросари Тоҷикистон ташаббус зоҳир карда шавад ва дигар нозирони байналмилалии ҳуқуқи инсон барои иҷрои ин кор ташвиқ ва дастгирӣ карда шаванд, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи дастрасӣ ба ВМКБ ва таъмини дастрасии бехатар ва бемамониати онҳо ба наҷотёфтагони ҳуқуқи инсон, қонуншиканиҳо ва дигар хабардиҳандагони муҳими дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон. Ба кӯшишҳои онҳо барои таҳқиқ ва ҳуҷҷатгузории қонуншиканиҳо, ҳифзи қурбониён, ҷамъоварии далелҳои калидӣ ва ниҳоят, таъмини ҷавобгарии гунаҳкорон мусоидат карда шавад;
- Аз мақомоти Тоҷикистон даъват карда шавад, ки ба расмиёти махсуси Созмони Милали Муттаҳид дастрасии пурра фароҳам оваранд ва ба муросилоти онҳо посухҳои асоснок ва воқеӣ, аз ҷумла ҷавобҳои дақиқ ба саволҳо ва нигарониҳои онҳо, пешниҳод намоянд;
- Аз мақомоти Тоҷикистон маълумот дар бораи сарнавишт, макони нигоҳдорӣ ва шароити боздошти ҳомиёни ҳуқуқи башари помирӣ, дигар фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯзноманигорон, пешвоёни ғайрирасмии ҷомеа ва дигар помириҳое, ки худсарона боздошт, ҳабс ва/ё зиндонӣ шудаанд, талаб карда шавад ва озодии фаврии онҳо таъмин карда шавад;
- Ҳар фишанги мавҷудро истифода бурда шавад, то ба мақомоти Тоҷикистон фишор оварда шавад, ки нақзи ҳуқуқи инсонро қатъ кунанд ва ҷуброни кофӣ барои ҳамаи қурбониён таъмин шавад;

- Ҳама воситаҳои дастрас, аз ҷумла механизмҳои байналмилалии таҳқиқ ва таъқиб, ба таври фаъолона барои дастёбӣ ба ҷавобгарии гунаҳкорони кушторҳои ғайриқонунӣ, шиканҷа, дигар бадрафторӣ ва дигар нақзи густурдаи ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва саросари Тоҷикистон, аз ҷумла тавассути салоҳияти универсалӣ, дастгирӣ ва баррасӣ карда шаванд;
- Ба принсипи адами бозгашт (non-refoulement) эҳтиром гузошта шавад ва ашхоси помиритабор ба Тоҷикистон ё ба ҳар кишвари сеюм, мисли Русия, ки дар он ҷо хатари интиқоли иҷборӣ ба Тоҷикистон вуҷуд дорад, ба қурбонӣ шудан аз нақзи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла боздошти худсарона, таъқиби сиёсӣ, шиканҷа, дигар бадрафторӣ ва муроифаҳои ноодилона вуҷуд дорад, бо зӯрӣ баргардонида нашаванд. ки инҷо онҳо дар навбати худ қурбонии нақзи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла боздошти худсарона, таъқиби сиёсӣ, шиканҷа, дигар бадрафторӣ ва муроифаҳои ноодилона мегарданд.

**АВФИ БАЙНАЛМИЛАЛ ҶУНБИШИ ҶАҲОНӢ БАРОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН АСТ. ВАҚТЕ НИСБАТИ ЯК НАФАР БЕАДОЛАТӢ РУХ МЕДИҲАД, ИН БА ҲАМА ДАХЛ ДОРАД.**

# ТОҶИКИСТОН: ИНТИҚОМ АЛАЙҲИ АҚАЛЛИЯТИ ПОМИРӢ, САРКӮБИ ҲУВИЯТИ МАҲАЛЛӢ, ФИШОР БОЛОИ ҲАМА ГУНА ДИГАРАНДЕШӢ

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), минтақаи дурасти Тоҷикистон, ақаллияти помирӣ (ки мақомоти марказии Тоҷикистон аз эътироф карданаш сарпечӣ мекунанд) солҳо боз бо табъиз ва таассуб рӯбарӯ шудаанд. Дар солҳои охир, мақомот талошҳои худро барои фишор овардан ба ҳуввияти помирӣ ва афзоиши ҳузури мақомоти амниятӣ дар ВМКБ тақвият додаанд. Онҳо ба норозигӣ ва эътирози маҳаллӣ бо амалиёти интиқомҷӯёнаи ваҳшиёна, аз ҷумла бо қатлҳои ғайриқонунии эътирозгарон ва роҳбарони ғайрирасмии маҳаллӣ, боздоштҳои худсарона, шиканҷа ва дигар бадрафторӣ, инчунин зиндонӣ кардани ҳомиёни ҳуқуқи башар, рӯзноманигорон, вакилони мудофеъ ва фаъолон посух доданд. Иқтисодиёти маҳаллӣ ва некӯаҳволии ҷамоаҳои маҳаллӣ зарар дида, ки ба ҳошиянишинии иҷтимоию иқтисодии помириҳо ва тағйири демографии минтақа сабаб шудааст.

INDEX: EUR 60/8413/2024
MONTH/YEAR: SEPTEMBER 2024
LANGUAGE: ENGLISH

**amnesty.org**



AMNESTY INTERNATIONAL